**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ). Душанбе, 2025**

**Муҳиммияти мавзуъ таҳқиқот** дар он аст, ки дар замони муосир омӯзиши масъала ва паҳлуҳои гуногуни забон ҳамчун воситаи муошират, табодули афкор, эҳсосот ва интиқоли иттилоот дар робита бо дигар забонҳои рӯйи дунё аҳаммияти илмию амалӣ дошта, яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад, зеро мероси адабию фарҳангии миллат маҳз тавассути забон дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «**Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) маҳз ба яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷума бахшида шуда, дорои аҳамияти вижаи илмӣ ва амалӣ мебошад.

Зимни мутолиаи автореферати диссертатсия маълум гардид, ки диссертант дар тули солҳои зиёд ба омӯзишу пажуҳиши вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей машғул шуда, дар ин самт таҳқиқоти ҷудогона анҷом додааст. Ин аст, ки диссертант ҳангоми омӯзиш ва таҳияи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр намудааст.

**Мақсади асосии таҳқиқот** таҳлили вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавии асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей буда, довталаб зимни вазифаҳои гузошташуда онро ба хубӣ иҷро намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки диссертент бори аввал масъалаи вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей мавриди пажуҳиши илмӣ қарор дода, инчунин, роҳу воситаҳои истифодаи таҳвилоти тарҷумавӣ дар раванди тарҷума, хусусан, тарҷумаи бадеиро муайян кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт буда, аз нигоҳи методологӣ ва мантиқӣ дуруст таҳия гардидааст. Муқаддимаи диссертатсия фарогири пурраи дастгоҳи илмии таҳқиқот буда, тибқи меъёр таҳия шудааст ва бобу зербобҳоидиссертатсия аз нигоҳи илмӣ, мантиқӣ ва методологӣ ба хубӣ иҷро гардидаанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудааст, мазмуну мунтариҷаи диссертатсияро инъикос мекунад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи «**Вижагиҳои таҳвилоти нахвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари “Пирамард ва баҳр”-и Э. Ҳемингвей)»** ба талаботи бандҳои 54, 84-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhĐ), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои филологӣ,
дотсент мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафорзода Таҳмина Саттор

**Нишонӣ:** Ш.Душанбе, н.Сино, кӯчаи
Маяковский хонаи 42, ҳуҷраи 198/1

Имзои Ғафорзода Таҳмина Саттор-ро
**“Тасдиқ мекунам”**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.
«12» 05 соли 2025

Нишонӣ: 734003, ш.Душанбе, кӯчаи С.Носир 33
Тел.: (+992) 224-17-86
E-mail: info@apa.tj